Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-003-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак,
шаҳраи донишҷӯён, бинои таълими 7)

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Исматов Абдулҳафиз Фазлидинович дар мавзуи «Такмилдиҳии маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Исматов Абдулҳафиз Фазлидинович ба бандҳои зерини Шиноснома номгӯйи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мутобиқат мекунад: 1.1. Равандҳои методологию сохтории ташаккули системаи молиявӣ; 1.3. Назария ва методологияи таъсири системаи молиявӣ дар рушди иқтисодиёт; 2.4. Пешгӯӣ ва банақшагирии буҷетию андозӣ дар иқтисоди бозорӣ; 2.5. Танзими андоз дар бахшҳои иқтисодиёт; 2.6. Назарияи танзими системаи буҷетию андозӣ; 2.9. Асосҳои назариявӣ, афзалиятҳои сиёсати андозӣ ва самтҳои асосии ислоҳоти системаи андозӣ; 2.16. Сиёсати буҷетию андозии давлат дар иқтисоди бозорӣ; 2.20. Дигаргунсозии системаи буҷетию андозӣ дар давраҳои гуногуни рушди иқтисодиёт:афзорҳо ва амсилаҳои мувофиқсозӣ; 3.14. Назария, методология ва методҳои заминавии андозбандии субъектҳои хоҷагидор; 3.30. Баҳисобгирии андоз ҳамчун унсури андозбандӣ.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Низоми маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт, ки ба татбиқи барномаҳои дарозмуҳлати низоми андозбандӣ мамлакат хизмат менамояд, яке аз механизми муҳими самаранокии таъмини саривақтии маблағҳои пулӣ ба буҷети давлатӣ ба ҳисоб рафта, ба таъмини оқилонаи иқтидори андозӣ ва ҷалби бештари сармояҳо ба рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ мусоидат мекунад. Вобаста ба ин, рушди маъмурикунонии андоз, бахусус, назорату санҷишҳои андозӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ба таъмини иҷроиши қисмати даромади буҷети давлатӣ равона мегардад. Аз ин хотир, такмили механизми маъмурикунонии андоз ба татбиқи амалии фаъолияти пурсамари мақомоти андоз дар заминаи пурзур намудани хизматрасониҳои электронӣ назорату

санҷишҳои андозӣ, ба воридшавии ҳаҷми бештари маблағҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ ва ғайра хизмат менамояд.

Мақсади ислоҳоти андозӣ низ тайи солҳои истиқлолияти кишвар ба дастгирии андозӣ-молиявӣ, аз ҷумла истифодаи бештари имтиёзҳои андозӣ, бахусус, ҷори намудани низоми махсуси андозбандӣ ва маъмурикунонии соддаи он, паст намудани гарбнии андоз, беҳтару хубтар ба роҳ мондани назорату санҷишҳои андозӣ ба корхонаю ташкилотҳо ба ҷамъоварии саривақтии маблағҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ ва самаранокии фаъолияти мақомоти андоз оварда расонидааст. Дар ин ҷода, ҷорӣ намудани шаклу усулҳои нави идоракунии низоми андозӣ, бахусус, рақамикунонии маъмурикунонии андоз ба мақсад мувофиқ буда, он ҳам манфиатҳои давлат ва ҳам субъектҳои хоҷагидориро ҳифз намуда, ба таҳкими имкониятҳои қисмати даромади буҷети давлатӣ мусоидат менамояд.

Таҳлили вазъи низоми андозӣ ва маъмурикунонии он дар минтақаҳои кишвар нишон медиҳад, ки ҳоло ҳам камбудиҳо ва нуқсонҳо дар бахши маъмурикунонии он ба назар мерасад. Чунки, чораҳои андешидашуда дар ин самт нокифоя буда, тақозои такмили назорату санҷишҳои андозиро дар рушди иқтисодиёти кишвар бо истифода аз технологияи пешқадами хизматрасониҳои электронӣ таъмин менамояд. Ҳалли масъалаҳои мазкур ба дастгирии давлатии рушди маъмурикунонии андоз ва баланд бардоштани самаранокии мақомоти андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардида, таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ - амалӣ ва пешниҳоду хулосаҳои мушаххасро оид ба маъмурикунонии андоз тақозо менамояд, ки он барои суботи молиявӣ барои даҳсолаҳои минбаъда хизмат хоҳад намуд.

Бинобар ин, омӯзиши асосҳои назариявӣ ва институтсионалии маъмурикунонии андоз ва дар заминаи он самараноки фаъолияти мақомоти андоз, рушди низоми андозӣ ва пешниҳодҳои муфид оид ба такмили механизми маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт яке аз масъалаҳои мубрам дар илми иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ пеш аз ҳама, аз навгониҳои илмӣ бармеоянд.**

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз асосноккунии таҳқиқи назариявию институтсионалии рушди маъмурикунонии андоз, раванди ташаккули механизми маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ва дар ин замина таъмини шаффофияти воридоти андозҳо ба буҷети давлат иборат мебошад.

Натиҷаҳои муҳимтарини таҳқиқот аз инҳо иборат аст:

1. Дар асоси омӯзиши назарияҳои мухталифи олимони соҳаи иқттисод назарияи асоснокнамудаи худи маллиф оид ба мафҳуми «маъмурикунонии

андоз», пешниҳод гардидааст. Ҳангоми таҳқиқи асосҳои институтсионалии рушди маъмурикунонии андоз муайян гардид, ки таъмини шаффофияти чараёни андоз вобаста ба ташкил ва такмили сохтори мақомоти андоз, такмили низоми қонунгузорӣ дар соҳаи андоз ва танзими давлатии сохтори институтсионалии андоз иборат мебошад.

2. Дар асоси таҳқиқи методии маъмурикунонии андоз, механизми мукаммали андоз дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ арзёбӣ гардид, ки тарзу усулҳои ташкили раванди банақшагирӣ, танзимнамоӣ ва назорати андозро дар бар мегирад.

3. Дар асоси таҷрибаи хориҷӣ маълум гардид, ки раванди омӯзиш ва амалишавии механизмҳои маъмурикунонии андоз вобаста ба хусусияти андозбандӣ ва саҳми худи давлат ҳангоми риояи моделҳои пешқадами низоми андози давлатҳои хориҷӣ басо муҳим аст. Механизмҳои навоваронае, ки дар кишварҳои хориҷӣ истифода мешаванд, метавонанд дар низоми андози давлати мо татбиқ шаванд. Чунин технологияҳои пешрафта, аз қабили blockchain, зеҳни сунъӣ, Интернети босуръат, ҳисоббарории квантӣ, big- дата ва ғайра дохил мешаванд.

4. Ҳолати муосири рушди маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт мавриди таҳлил қарор гирифт, ки зимни он тасдиқи маълумотҳо оиди баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти андоз, беҳтар намудани сатҳ ва сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои андозӣ, назорати истифодаи имтиёзҳои андозӣ ва дигар самтҳои афзалиятдоштаи рушди маъмурикунонии андоз муайян гардид.

5. Арзёбии мушкилотҳо ва раванди вусъатдиҳии маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт дар диссертатсия таҷдиди назар гардида, оид ба сифати хизамарасониҳо ва раванди истифодаи технологияҳои рақамӣ, ки барои расидан ба ҳалли вазифаҳо ва мақсадҳои рушди маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт нигаронкунанда аст, мавриди таҳлил қарор гирифта шуд.

6. Дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт бо истифода аз моделҳои иқтисодӣ-риёзӣ, моделҳои коррелятсионӣ ва регрессионӣ, таъминоти риёзӣ ва барномавии пешгуикунии омории воридоти маблағҳои андоз, ки натиҷаҳои муҳимтарини нишондиҳандаҳои босамари маъмурикунонии андоз, аз ҷумла ҳолати истифодаи технологияҳои рақамӣ, пешниҳоди хизматрасониҳои электронӣ, таъмини ҳамгироии иттилоотӣ, роҳандозӣ намудани тартиби истифодаи меъёрҳои андоз, ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ ва дар ин замина рушди низоми андози мамлакат бо мақсади таъмини шаффофияти воридоти андозҳо ба буҷети давлат, ки раванди такмили маъмурикунонии андозро таъмин менамояд, муайян гардидааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, баррасии натиҷаҳо, хулоса, рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Ҳаҷми умумии кор 189 саҳифаи матни компютериро ташкил додааст, ки аз расмҳо ва ҷадвалҳои зиёд, рӯйхати адабиёт, ки аз 153 номгӯй иборат аст, таркиб ёфтааст.

Дар боби аввали диссертатсия оиди **«Асосҳои назариявӣ ва институтсионалии маъмурикунонии андоз»** таҳқиқот гузаронида шудааст. Қайд кардан бамаврид аст, ки аз нигоҳи назарияҳои таҳқиқгардидаи олимони ватанию хориҷӣ назарияи ягона оиди мафҳуми маъмурикунонии андоз муайян карда нашудааст, аз ин лиҳоз маъмурикунонии андоз ба мисли дарахтест, ки марҳилаҳои инкишофро интизор аст.

Зимни таҳқиқи назариявии рушди маъмурикунонии андоз унвонҷӯ диққати махсусро ба таҳқиқи ҳамаҷонибаи мафҳуми маъмурикунонии андоз равона намудааст, ки таҳқиқоти аксари олимоне, ки ба маъмурикунонии андоз пайваста сурат гирифтааст, маъмурикунонии андозро ба сохтори назорати андоз ишора намудаанд. Қисми дигари олимон маъмурикунонии андозро ҳамчун шакли ташкили идоракунии ҷараёни андоз маънидод намудаанд. (саҳ 21).

Тавре аз ҷадвали 1.1.2 бармеояд, ҳангоми таҳқиқи назариявии ҳамҷонибаи маъмурикунонии андоз таҳияи муаллифӣ оиди мафҳуми маъмурикунонии андоз "Маъмурикунонии андоз – ин маҷмӯи тадбирҳои амаликунандаи мақомоти андоз буда, таъмини риояи қонунгузории андоз ва мунтазам таъмин намудани шаффофияти воридоти андозро баҳри нигоҳ доштани тавозуни молияи давлатӣ, ки бо дар назардошти пешниҳоди хизматрасониҳои электронӣ ва вусъатдиҳии ҳамкориҳои фосилавӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт таъмин менамояд, фаҳмида мешавад" пешниҳод гардидааст (саҳ 29).

Яке аз натиҷаҳои дигари кори таҳқиқотии унвонҷӯ дар он мебошад, ки зимни тасдиқи назарияи А.М. Солеҳзода оиди самаранокии маъмурикунонии андоз, самтҳои асосии мукаммалсозии низоми маъмурикунонии андозро дар шароити рақамикунонӣ арзёбӣ менамояд. (саҳ 32-33).

Дар мавриди ҷанбаҳои институтсионалии рушди маъмурикунонии андоз якчанд натиҷаҳои арзишмандро дар диссертатсия пайдо намудан мумкин аст, ки унвонҷӯ доир ба марҳилаҳои рушди институтсионлӣ тадбиқшавии санадҳои меъёрию ҳуқуқиро дар соҳаи андоз аз ташкили институтҳои расмии андоз ва рушди минбаъдаи он то имрӯз нишон додааст. Таъмини иҷрои иҷрои Конститутсия, фармонҳо ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, ки аз рӯзҳои аввали таъсиси институҳои расмии андоз ҷанбаҳои

институтсионалии рушди маъмурикунонии андозро ташкил медиҳад дар диссертатсия мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. (саҳ 36-50).

Дар диссертатсия муаллиф диққати худро ба таҷрибаи хориҷӣ равона намуда, бештар ҳолати истифодаи платформаҳои рақамии андозбандиро дар ИМА, Иттиҳоди Аврупо, Федератсияи Руссия, малакамтоҳои ИДМ ва вазъи имрӯзаи низоми андози мамлакатҳои Осиёи марказиро натиҷагирӣ намудааст, ки эътимоднокии андозсупорандагон ба низоми кори мақомоти андоз вобаста мебошад. Дар ҳоле, ки бештар гардидани эътимоднокии андозсупорандагон ҳангоми иҷрои пардохти андоз ба ИМА рост меояд, ки он бештар аз 80% - ро ташкил медиҳад. (саҳ. 61).

Боби дуюми диссертатсия оиди **«Ҳолати муосири маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт»** натиҷагирӣ гардида, унвонҷӯ вобаста ба раванди ташаккулёбии механизми маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт дар саҳифаи 76 қайд намудааст, ки раванди ташкили механизми маъмурикунонии андоз бо андешидани чораҳои маъмурӣ ҷиҳати иҷро намудани уҳдадории андоз воситаи муҳим ба ҳисоб рафта, асоснокнамоии самтҳои фаъолияти мақомоти андоз, иҷрои вазифаҳои мақомоти андоз, ошкор намудани шаффофияти назорат, мустаҳкам намудани интизоми андозбандӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ ва танзимнамоии муносибатҳои андозбандиро дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт амалӣ менамояд. Натиҷаи дигари арзишманд вобаста ба ҳолаи мазкур муайян гардидани механизми маъмурикунонии андоз мебошад, ки унвонҷӯ раванди ташкили механизми андозро дар истифодаи шаклу усулҳои банақшагирӣ, танзимнамоӣ ва назорати андоз арзёбӣ намудааст. (саҳ. 77-80).

Дар зербоби дуюм бошад саҳми муаллиф оиди таҳлили истифодаи хизматрасониҳои электронӣ дар раванди маъмурикунонии андоз арзишманд буда, доир ба масъалаи таҳилшаванда қайд гардидааст, ки татбиқи истифодаи технологияҳои рақамӣ бо роҳи сода, роҳи мураккабро бартараф кардан бошад, пас рақамикунонӣ аз марҳилаи ибтидоии татбиқи технологияи рақамӣ бармеояд. Ҷараёни таъмини истифодаи технологияи рақамӣ, раванди рақамикунониро таъмин менамояд. (саҳ. 94).

Вобаста ба номгӯйи хизматрасониҳои электронӣ, шумораи хизматрасониҳои электронӣ ва дигар корҳои татбиқшаванда дар самти андозбандӣ муаллиф қайд намудааст, ки раванди иҷрои барномаҳо ва қарорҳои қабулгардидаи мақомоти андоз дар самти вусъатдиҳии низоми хизматрасонии электронӣ ва баланд бардоштани эътимоднокии андозсупорандагон тадбирҳои воқеӣ ва саривақтӣ арзёбӣ гардида, марҳилаҳои гузариш ба рақамикунонии иқтисодиётро таъмин менамояд. (саҳ. 106).

Таҳлилҳои дақиқан анҷомдодаи унвонҷӯ арзишмандии диссертатсияро нишон медиҳад. Таҳқиқоти анҷомёфта вобаста ба ҳиссаи даромадҳои андозӣ дар афзалиятҳои маъмурикунонии андоз арзёбӣ гардидааст, ки таъмини шаффофияти воридоти андоз яке аз масъалаҳои асосии такмили низоми маъмурикунонии андоз буда, дар ин самт пайгирӣ гардидани дастурҳои Ҳукумати мамлакатро ҷиҳатӣ афзудани ҳаҷми нишондандаҳои даромади буҷети давлатӣ муайян намудааст. (саҳ. 114-115). Ҳамчунин, унвонҷӯ рушди маъмурикунонии андозро дар шаффофияти воридоти андоз маънидод мекунад, агар дар самти рақамикунонии андоз чораҳои дахлдор баҳри таъмини рушди афзалиятҳои соҳа, аз ҷумла: барои таҳлили сифати маълумотҳои воридгардида, барои таҳлили пардохтҳои андозии ба шахси дуюм ва сеюм тааллуқдошта, барои тартиби дурусти муқоисиаи маблағҳои барзиёд пардохшуда ва ғайра дар фаъолияти мақомоти андоз пайгирӣ карда шавад. (саҳ. 121).

Муаллифи диссертатсия исбот намудааст, ки рушди самтҳои афзалиятдоштаи маъмурикунонии андоз бояд барои баланд бардоштани эътимоднокии андозсупорандагон равона карда шавад, зеро таваҷҷуҳ ва баланд бардоштани эътимоднокии андозсупорпандагон ба азхуднамоии тартиби истифодаи хизматрасониҳои электронӣ равона шуда, имрӯзҳо мақомоти андоз тавассути гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳию тавзеҳотӣ иҷрои уҳдадориҳои андозро зиёд менамояд. (саҳ.125).

Дар боби сеюм **«Дурнамо ва самтҳои асосии такмилдиҳии маъмурикунонии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Дар ин боби мазкур унвонҷӯ масъалаҳои зерини мушкилотҳо ва роҳҳои беҳтар намудани маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт, такмилдиҳии раванди маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт, дурнамои рушди маъмурикунонии андозро натиҷагирӣ намудааст.

Доир ба масъалаи муайян гардидани мушкилотҳо ва роҳҳои беҳтар намудани маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт дар диссертатсия оварда шудааст, ки мушкилотҳо ва афзалиятҳо ҳамеша дар раванди андозбандӣ мавҷуданд. Барои муайян гардидани мушкилотҳои андоз мақомоти андоз ҳамеша дар заминаи дуруст ба роҳ мондани робитаҳо бо андозсупорандагон ва дастрасӣ оид ба таҷрибаи истифодаи технологияҳои рақамӣ роҳи ҳалро меандешанд. (саҳ.126). Дар диссертатсия вобаста ба сабабҳои ба вуҷуд омадани мушкилотҳо, роҳи ҳалли мушкилоти андозбандӣ дар шароити рақамикунонӣ наатиҷагирӣ гардидааст. (саҳ.129).

Натиҷаҳои илман асоснок гардида, дастоварди илмии диссерртатсия мансуб меёбанд. Ҳамин тавр илман дақиқ гардидани вазъи муосири раванди мушкилотҳо дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ сабаби объективӣ буда,

гузариш ба иқтисоди рақамӣ имконият медиҳад, ки ҳар як ташкилот ва шахсони алоҳида бо истифода аз воситаҳои рақамӣ ба рушди иқтисодии давлат саҳмгузор бошанд, зеро он мушкилотҳои дар сатҳи баланд маҷудбуда, аз ҷумла: канорагирӣ аз пардохти андозҳо ва банақшагирии андоз ҳолатҳои нигаронкунандаи пеш аз рақамикунонӣ бартараф мегарданд. (саҳ.129 - 130).

Натиҷаҳои муҳимтарини рушди маъмурикунонии андоз баъд аз солҳои 2000-ум дар таҳқиқи кори диссертатсонӣ ба даст омадаанд. Тавре аз натиҷаҳои зербоби 3.2. бармеояд тамилдиҳии маъмурикунонии андоз чораҳои дахлдори татбиқи ҳадафҳои Стратегияи миллӣ ва барномаҳоои рушди маъмурикунонии ба ҳисоб меравад. Натиҷаҳои муҳими самтҳои такмилдиҳии маъмурикунонии андоз дар зиёд гардидани хизматрасониҳо аз самаранок арзёбӣ гардидани истифодабарии он мебошад. Аз ин бармеояд, ки зарурати истифодаи хизматрасониҳои электронӣ яке аз самтҳои аввалиндараҷаи такмилдиҳии маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Зимни таҳлилҳо муайян гардид, ки дар соли 2022 шумораи андозсупорандагоне, ки эъломияҳои худро дар шакли элек-тронӣ пешниҳод менамоянд, беш аз 6,5 ҳазор адад зиёд гардиданд. Айни ҳол, зиёда аз 155,0 ҳазор субъекти хоҷагидор эъломия ва ҳисоботи худро тариқи электронӣ пешниҳод намуда истодаанд. (саҳ.144 - 145).

Аҳамияти илмии кори диссертатсионии муаллиф дар самти рушди маъмурикунонии андоз аз он иборат мебошад, ки дар таҳқиқоти илмӣ усулҳои индуксия ва дедуксия, мушаххаскунӣ, умумикунонӣ, ягонагии инкишофи таърихӣ, деаликтикӣ ва мантиқӣ дар шинохти рушд, усулҳои иқтисодӣ-омории ҷадвалӣ ва графикӣ, таҳлили корреляитсионӣ-регрессионӣ, моделсозӣ ва пешгӯии равандҳои андозбандиро бо истифода аз пакети барномаҳои EXCEL ба таври васеъ истифода намудааст. (саҳ.159).

Натиҷаҳои муҳими арзишноки диссертатсия дар он мебошад, ки муаллиф бо истифода аз моделҳои истифодагардида, дурнамои омилҳои натиҷавиро то давраи соли 2030 пешгӯи намудааст.(саҳ.160-165). Инчунин, натиҷаҳои ҷамъбастии кори диссертасия дар асоси тавсияҳое, ки аҳамияти назариявӣ-амалӣ доранд, ба даст оварда шудаанд. (саҳ. 169 -173).

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**

Асоснокии ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии рушди маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт аз маҷмӯи назарияҳои таҳқиқгардида ва тавсияҳои амалӣ оид ба мукаммалгардонии рушди низоми маъмурикунонии андоз иборат мебошад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия бо назардошти арзёбӣ гардидани таҳлили нишондиҳандашои санадҳои меъёрӣ ва коркарди

нишондиҳандаҳои оморӣ аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот, инчунин таълифоти муаллиф эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро тасдиқ менамояд. Доир ба таҳқиқи ҷанбаҳои назариявию амалии диссертатсия хулоса ва тавсеаҳо барои татбиқи натиҷаҳои кор дар асоси таҳлили ҳамаҷониба нишон дода шудааст, ки аз сатҳи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот шаҳодат медиҳад. Хулосаи диссертатсия аз натиҷаҳои асосии илмӣ иборат буда, дар он тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои амалишаванда, ки дар асоси таҳлили натиҷаҳои илмӣ-амалии таҳқиқот омода шудаанд, дода шуд.

Натиҷаҳои муҳими таҳқиқот дар ҷараёни таълимии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳангоми тадриси фанҳои «Андоз ва андозбандӣ», «Назария ва таърихи андоз», «Менеҷмент ва маъмурикунонии андоз», «Низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Назорати андоз» (маълумотномаи № 441/11 аз 20.11.2023 сол) ва дар амалияи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (маълумотномаи № 20222/11.1 аз 24.11.2023 сол) тавсия карда шудааст.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

**Аҳамияти илмии** таҳқиқоти мазкур дар асоси таҳқиқи назариявӣ ва амалии рушди маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ифода гардидааст. Ҷанбаҳои назариявии диссертатсия аз асосоноккунии назияҳои пайдогардидаи мафҳуми маъмурикунонӣ ва назорати андоз иборат буда, ҷиҳатҳои илмии он дар диссертатсияи мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Тамоми самтҳои муайянгардидаи маъмурикунонии андоз имкониятҳои васеъи масъалаҳои таҳқиқотиро фаро гирифта, вобастагии мутақобилаи илмӣ ва амалиро таъмин менамояд. Дар кори таҳқиқотии мазкур равишҳои илмӣ бо ёрии методҳои таҳқиқотӣ ҷиҳати асоснок намудани навгонии илмӣ, таҳлилу хулосанамоӣ гардидааст.

**Аҳамияти амалии** кори диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои бадастомада, механизми самараноки маъмурикунонии андоз ва беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои электронии андозсупорандагонро бодарназардоштӣ имкониятҳои васеъӣ рақамикунонӣ дар бар мегирад. Тавсияҳои амалӣ, татбиқи усулҳои методии дар диссертатсия таҳлилу баррасӣ гардидаро ҷиҳати коҳиш додани шаклу усуҳои анъанавии идоракунии андоз ва дар ин замина фароҳам овардани хизматрасониҳои электрониро ба андозсупорандагон пешниҳод менамояд. Пешниҳодҳои мушаххаси муаллифро ҳангоми таҳияи лоиҳаи стратегияю барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти такмили низоми маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт истифода бурдан мумкин аст.

**Аҳамияти иқтисодӣ** дар **натиҷаҳои диссертатсия** ба он равона гардидааст, ки рушди нишондиҳандаҳои маъмурикунонии андоз дар раванди рақамикунонии иқтисодиёт тавассути роҳандозӣ намудани хизматрасониҳои электронӣ дараҷаи эътимоднокии андозсупорандагонро баланд намуда, шаффофияти воридоти андоз ба буҷети давлатро таъмин менамояд. Фаъолияти бонизоми мақомоти андоз дар заминаи рушди маъмурикунонии андоз устувории риояи меъёрҳои танзимкунандаи қонунгузорӣ ва самаранокии истифодаи хизматрасониҳои рақамиро дар бахши фаъолияти соҳибкорӣ таъмин менамояд.

**Аҳамияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия**. Навгониҳои дар диссертатсия оварда шуда, хусусияти иҷтимоӣ ва иқтисодиро дар бар мегиранд. Мукароротҳои дар диссертатсия натиҷагирӣ ёфта, бештар ба афзалияти иҷтимоии рушди соҳаҳо нигаронида шуда, имкониятҳои гузариш ба иқтисоди рақамӣ арзёбӣ менамояд. Яъне, иқтисоди рақамӣ барои андозсупорандагон имконияти васеъи пардохтҳои андоз, пешниҳоди ҳисоботи андоз ва назорати маълумотҳоро тавассути истифодаи барномаҳои электронӣ ва пакети махсуси низоми иттилоотӣ таъмин менамояд. Чунин тадбирҳо имконият ба вуҷуд меоранд, ки амалиётҳои ғайрирасмӣ дар иқтисодиёт коҳиш ёфта, шаффофияти даромадҳои буҷеди давлат ба танзим оянд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф таркиби асосии диссертатсияро дар бар гирифта, дар доираи мавзуи таҳқиқгардида аз тарафи муаллиф 29 мақолаи илмӣ дар умум 15,7 ҷузъи чопӣ иборат мебошад, ки аз он 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шуда, нашр гардидаанд. Инчунин, мақолаҳои дар конференсияҳои байналмиллалӣ ва ҷумҳуриявӣ нашр гардида, муҳтавои асосии мавзуи таҳқиқотиро нишон медиҳад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсияи тақризшаванда ба муқаррароти «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 июни соли 2021, № 267) омода гардида, муқаддимаи он, мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект ва предмет, фарзия, асосҳои назариявию илмӣ, асосҳои назариявию методологӣ, сарчашмаи маълумот ва пойгоҳи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои он, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба таври мукаммал моҳияти

диссертатсияро дар бар гирифтаанд. Инчунин, меъёрҳои дигари риояи диссертатсия нисбат ба ҳаҷм, истифодаи ҷадвал ва расмҳо, тартиби ҷойгирнамоии руйхати адабиёт ба инобат гирифта шудаанд.

Диссертатсия сохтори мантиқан мукаммал дошта, натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф арзиши илмӣ доранд, метавонанд дар такмили минбаъдаи рушди низоми маъмурикунонии андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври васеъ истифода бурда шаванд.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсияи Исматов Абдулҳафиз Фазлидинович ба талаботҳои «Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» аз 30 июни соли 2021, № 267, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

Автореферати диссертатсия аз ҷиҳати сохтор ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Дар автореферати диссертатсия мазмуни асосӣ, муҳтавои кор, натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқот натиҷагирӣ гардидаанд. Мазмуну муҳтавои автореферат ба муқаррароти асосии диссертатсия мувофиқ мекунад.

**Арзёбии моҳияти диссертатсия, самти комилии он, эродҳо, доир ба шаклгирии диссертатсия.** Бо вуҷуди баҳои мусбие, ки дар рафти навишти тақриз ба назар расида, маънои тамоман аз камбудиҳо, саҳвҳо, норасоиҳо орӣ будани онро надорад. Аз ин нуқтани назар, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаби илмӣ ва имлоӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо муҳимашон инҳо мебошанд:

1. Агар дар қисмати назариявии рисолаи илмӣ ҳангоми омузиши низоми андозбандӣ ва такмили маъмурикунонии андоз аз таҳқиқотҳои олимони ватанӣ бештар истифода мебурд, арзиши кор боз ҳам хубтар мешуд.
2. Дар асоси омӯзиши таҳқиқи назариявии маъмурикунонии андоз масъалаи самаранокии идоракунии мақомоти андоз оварда шудааст, лекин ба моҳият ва самаранокии фаъолияти мақомоти андоз дар шароити рақамикунонии маъмурикунонии андоз камтар диққат дода шудааст, ҳол он, ки идоракунии мақомоти андози кишвар қисми муҳими такмили маъмурикунонии он мебошад.
3. Муаллиф дар зербоби 1.2. оиди ташкили шакли муосири назорату санҷишҳои андозӣ ва мониторинг (мушоҳида)-и раванди маъмурикунонии андоз овардааст, лекин хуб мешуд, ки он кас ба раванди амалии мониторинг (мушоҳида)-и натиҷаи он бештар аҳамият медод, он гоҳ сифати кор аз ин бештар бурд мекард.
4. Дар кори илмӣ теъдоди зиёди маводҳои графикӣ пешниҳод карда шудааст. Хубтар мешуд, ки баъзе аз ҷадвалҳои калонҳаҷм дар шакли замима дар охири диссертатсия дода мешуданд.

5. Дар расми 2.1.2 вазифаҳои механизми маъмурикунонии андоз маҷмуи қоидаҳо ва усулҳои махсус оварда шудааст, вале ин қоидаю усулҳо васеътар шарҳ дода нашудааст.
6. Агар дар ҷадвали 2.3.4 ҳиссаи андозҳои воридшаванда ба буҷети давлатӣ дар соли 2022 аз ҳисоби истифодаи хизматрасониҳои электронӣ, ки оварда шудааст, бо нишондиҳандаҳои мушахастар муқоиса менамуд, сифати кор боз ҳам хубтар мегардид.

Эъродҳои номаршуда, ҷиддӣ набуда, характери тавсиявӣ доранд, ки ба сатҳи баланди илмӣ-амалӣ таҳқиқоти анҷомдода таъсири манфӣ намерасонанд.

**Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба сазовор донистани доаталаб ба дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Исматов Абдулҳафиз Фазлидинович дар мавзуи "Такмилдиҳии маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт" аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз дар сатҳи зарурӣ омода гардида, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 267 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

**Муқаррizи расмӣ:**
Доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон — Шералиев Э. Н.

**Имзои д.и.и., дотсент Шералиев Э.Н.-ро тасдиқ мекунам.**
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон — Мирҷамолов М.А.

19.11.2024с

734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисодӣ Тоҷикистон, тел: + 992 (2 -310201), +992 93 519 8111,
почтаи электронӣ: Emomali68@mail.ru